**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисос 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.08.2025, №8

Барои сазовор донистани Болтаева Мунира Негматовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи “Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир” аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа 12 июни соли 2025, (протоколи №14) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шуд.

Болтаева Мунира Негматовна 20.12.1988 дар шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 2006 ба факултети филологияи тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, соли 2011 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2011 ба сифати методисти шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи тоҷики ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва сипас аз соли 2018 то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолияти хешро идома дода истодааст. Соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фарҳангшиносии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қабул шуда, соли 2024 онро хатм кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи фарҳангшиносии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**:

**Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ** -доктори илмҳои фалсафа, мудири каферai таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ;

**Бердиев Шоҳназар Пирназарович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби муқарриз, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Маҷидов Д.Ҳ. имзо ва аз ҷониби ректори муассиса, профессор Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия дорои навгонии илмӣ ва арзиши назариявию амалӣ буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 6 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад. Муҳтавои мақолаҳои чопшуда аз мазмуни диссертатсия сарчашма гирифта, нуктаҳои муҳимтарини онро инъикос менамоянд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Моҳияти худтатбиқшавии иҷтимоии шахс дар фалсафаи муосир// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. –Душанбе, 2023. №3. - С. 222-228.
2. Масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи юнони қадим ва таъсири он ба файласуфони асримиёнагии Ғарб// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. №10. - С.147-154. (ҳаммуаллиф: Амирхон Ш.Т.)
3. Мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои фалсафӣ-динии халқи тоҷик// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. –Душанбе, 2023. №4. - С.188-195.

**Ба автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, декани факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ **Зикирзода Ҳ.** Тақриз мусбат буда, дар он якчанд эродҳои ҷузъӣ пешниҳод гардидаст:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ таққиқоти олимони ватанӣ камтар оварда шудааст. Аз ҷумла, таҳқиқотҳои М.Шакурӣ, К.Бекзода, А.Раҳнамо ва дигарон;

2. Хатогиҳои имлоию техникӣ дида мешаванд.

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии ДДҲБСТ –**Ҷӯраев А.Ҳ**. Тақриз мусбат арзёбӣ гардида, инчунин камбудиҳои грамматикию техникӣ низ пешниҳод шудааст:

- аз ҷониби доктори фалсафа (Phd), ходими калони илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва хуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ - Иброҳимов Ф.М. Тақриз мусбат буда, дар баробари он якчанд норасоиҳои ҷузъӣ дида мешаванд.

1. Баҳси муаллифи диссертатсия бо муҳаққиқони дигар камтар эҳсос мегардад;

2. Дар автореферат баъзан такрори ҷумлаҳо дида мешавад. Масалан, банди якуми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо банди якуми хулосаҳо қариб як хел оварда шудааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки муқарризон мутахассисони соҳаи таърихи фалсафа буда, дар муассисаи пешбар мутахассисони соҳаи илм фаъолият намуда, интишороти онҳо ба диссертатсия алоқаманд мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷи илмӣ:**

Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи муосир **коркард карда шуд.** Унсурҳои асосии худшиносӣ дар таълимоти файласуфони муосир, коркарди ҷанбаҳои фалсафии худшиносӣ ҳамчун омили худамалисозии иҷтимоии шахс дар фалсафаи муосир ва андешаи файласуфони муосир оид ба нақши худшиносӣ дар рушди ҷомеа тавассути усулҳои таърихӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, анализ, синтез ва методҳои дигари умумиқабулшудаи соҳавӣ таҳлилу баррасӣ ва **асоснок шудаанд**.

Асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқи масъалаи худшиносӣ ҳамчун проблемаи фалсафӣ ва инъикоси ҷанбаҳои консептуалии он дар таърихи фалсафа аз даврони қадим, то оғози асри XX ҳамчун қисмати заминавию методологии диссертатсия коркард гардида, бори нахуст дар илми ватанӣ баррасии маҷмуии ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи муосир **ошкор карда шуд**.

**Пешниҳод шудааст**, ки худшиносӣ дар шакли худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ, ки ҳамчун дарки устувори худ аз ҷониби шахсият ба ҳайси шаҳрванди давлати муайян, алоқамандии субъективӣ бо сарнавишти таърихии он ҳисобида мешавад, дар рушди ҷомеа нақши асосиро иҷро мекунад. Аз шаклҳои худшиносии гурӯҳӣ дар ҷомеаҳои муосир худшиносии миллӣ - ҳамбастагӣ ва садоқати рӯзмарра дар фаҳмиши

мансубият ба як халқ ва эътирофи давлат ба ҳайси худӣ асоси рушди давлати миллиро ташкил медиҳад. Барои расидан ба ҳадафҳои болозикр ва рушди ҷомеа омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ, андешаи мутафаккирон ва таҷрибаи як қатор кишварҳо дар самти тарбияи шаҳрванди худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту меҳанпараст дар таҳия ва амалисозии идеологияи миллӣ-давлатӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон шарти зарурӣ мебошад.

**Исбот шудааст, ки** дар ибтидои асри XX инқилоби илмӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар фалсафа ба вуқуъ пайваста, консепсия ва таълимоти сифатан нав оид ба худшиносӣ пешниҳод гардиданд. Аммо бо вуҷуди ин, то миёнаҳои асри XX ва ҳатто каме баъдтар ҳам, оид ба худшиносӣ дин низ мақоми худро ба таври ниҳоӣ аз даст надод. Аз ҷумла, К. Ясперс ҳамчун намояндаи экзистенсиализми динӣ чунин меҳисобад, ки ҳар қадар, ки инсон озод бошад, ҳамон қадар ӯ ба Худо эътиқод дошта, худшиносӣ ӯро ба дарки хавфи олам ва нотавонии худ дар назди он мерасонад. Н.А. Бердяев низ худшиносии фардиро бо такя ба дин барои фаҳмиши сарнавишт ва асрори худ зарур шумурдааст. М. Иқбол бошад, таълимоти динию илмиро бо ҳам омезиш дода, таълимоти худнесткунӣ (фано)-ро инкор ва худамалисозӣ (бақо)-ро ҳамчун роҳи расидан ба худӣ шумурдааст. Дар баробари ин, Ж.П. Сартр ҳамчун намояндаи экзистенсиализми атеистӣ чунин меҳисобад, ки инсон худ лоиҳаи ҳастии худро мустақилона амалӣ месозад, аз назари А. Камю бошад, инсони исёнгарро худамалисозии ӯ дар роҳи ҳаёт муайян менамояд. К. Роҷерс ва А. Маслоу худшиносии инсонро раванди беохир медонанд, ки дар тули тамоми ҳаёти ӯ идома меёбад.

**Ҷорӣ намудани** таърифи мушаххасу мукаммали худшиносӣ. Бо дар назар доштани решаҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва хусусияти фардию гурӯҳии худшиносӣ, инчунин бо такя ба таърифҳои ин мафҳум аз нигоҳи психологӣ ва фалсафӣ пешниҳоди чунин таърифи мафҳуми худшиносӣ имкон дорад: худшиносӣ ин фаъолияти бошуурона ва мақсадноки

маърифатӣ аст, ки ҳангоми он субъектҳо дар бораи худ - образҳои «Ман» ва «Мо» ҳамчун объект донишҳояшонро ташаккул дода, онҳоро дар шуури фардию ҷамъиятӣ инъикос менамоянд ва худро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ин ё он қобилият, майл ва хислатҳои табиӣ, равонӣ ва иҷтимоии худро муайян месозанд, аз онҳо истифода бурда ва барои расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои шахсию дастаҷамъонаи худ «Ман» ва «Мо»-и худро ташаккул ва пайваста рушд медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳои сарчашмаҳо ва таҳқиқоти муосир оид ба ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлили фалсафӣ қарор дода шуда, минбаъд муҳаққиқон дар асоси онҳо метавонанд баррассиҳои илмии масъалаи мавриди назарро идома дода, тавсеа бахшанд. Муқарраротӣ асосии рисоларо мақомоти дахлдор метавонанд барои ташаккул ва рушди худшиносии шаҳрвандон ва таҳияи консепсия ва барномаҳо дар ин самт мавриди истифода қарор диҳанд.

**Баён шудани** осори мутафаккирони даврони гузашта, ки масъалаҳои худшиносиро гузошта ва ҳаллу фасл намудаанд, муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ, ки осори файласуфон ва мутафаккирони гузаштаро оид ба ин мавзуъ баррасӣ намудаанд ё ки оид ба масъалаҳои худшиносӣ мустақиман коркардҳои илмӣ дар фалсафа ва психология ба анҷом расонидаанд, пойгоҳи назариявии диссертатсияро мустаҳкам менамояд.

Таърифи худшиносӣ, ки ҳам аломатҳои худшиносии фардӣ ва ҳам худшиносии гурӯҳиро дарбар мегирад, пешниҳод, таснифоти худшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, таҳқиқи ҷанбаҳои консептуалии масъалаҳои худшиносӣ аз нигоҳи фалсафа, психология, илмҳои наве чун акмеология ва валеология дар пайвастагӣ бо ҳам анҷом дода шуда, ҷанбаҳои амалии худшиносӣ дар мисоли худамалисозии иҷтимоӣ ва механизмҳои он **ошкор гардидаанд.**

Сарчашмаҳои муътамад доир ба худшиносӣ дар таълимоти аксарияти мутафаккирони ғарбӣ, (Суқрот, Протагор, Монтен, Декарт, Кант, Фихте, Кйеркегор, Хилон, Афлотун, Арасту, Афлутин, Августини Муқаддас, Гегел); дар анъанаҳои динию фалсафии Шарқ ба маънои васеи он (Бобул ва Мисри Қадим, Ҳинди Қадим, Чини Қадим, таълимоти зардуштия, фарҳанги исломӣ) ва фалсафаи муосир (К. Ясперс, Н.А. Бердяев, М. Иқбол, Ж.П. Сартр, А. Камю, К. Роҷерс ва А. Маслоу) **омӯхта шудаанд.**

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар он хулосаҳои сарчашмаҳо ва таҳқиқоти муосир оид ба ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлили фалсафӣ қарор дода шуда, минбаъд муҳаққиқон дар асоси онҳо метавонанд баррасиҳои илмии масъалаи мавриди назарро идома дода, тавсеа бахшанд. Муқарраароти асосии рисоларо мақомоти дахлдор метавонанд барои ташаккул ва рушди худшиносии шаҳрвандон ва таҳияи консепсия ва барномаҳо дар ин самт мавриди истифода қарор диҳанд.

**Муайян карда шудааст**, ки маводи дар диссертатсия таҳлил ва ҷамъбастшударо барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, этика ва психология, инчунин курсҳои махсус оид ба масъалаи инсон дар фалсафа истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки эътимоднокӣ, инчунин боварибахш будани натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо бадастории маълумоти воқеӣ дар асоси таҳлили сарчашмаҳо оид ба ин мавзуъ дар таълимоти мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосир, интихоби асосноки муқарраароти заминавӣ оид ба масъалаҳои худшиносӣ, истифода аз дастовардҳои бунёдии илм дар ин самт ва корбурди дастгоҳи таҷрибашудаи илмӣ-методӣ муайян мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷи илмӣ.** Муаллифи диссертатсия мавзуи таҳқиқотро мустақилона бо машварати роҳбари илмӣ интихоб намуда, тамоми сарчашмаҳо ва адабиёти илмиро шахсан мутолиа ва таҳқиқ кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия асосҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои худогоҳӣ, ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосирро мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши нав ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои асосии ба мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси 28 августи соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Болтаева Мунира Негматовна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа тарафдорӣ намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати шуро, овоз доданд: тарафдор 14, муқобил-1, бюллетенҳои беэътибор-нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** Саид Н.С.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** Ҳаитов Ф.Қ